*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44. Email: boboev.komil@list.ru. Телефони котиби илмӣ: 911-00.48.84.*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот” (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст**

Дар замони муосир ҳангоми тамоюли умумии коҳишёбии нисбии маблағгузории давлатии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ афзоиши ҳаҷми ин соҳа, пеш аз ҳама тавассути рушди фаъоли хидматрасониҳои пулакӣ таъмин карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки зиёда аз 70%-и сарчашмаҳои захираҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ аз ҳисоби фурӯши озоди маҳсулот/хидматрасониҳои таҳсилотӣ ташаккул меёбад. Ҳамин тавр, бозори хидматрасониҳои таҳсилотии тараққикунанда боиси рушди рақобат дар байни агентҳои асосии ин бозор - муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардид. Дар натиҷаи кори механизмҳои бозорӣ майлу хоҳиши муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои дарёфти мавқеи бозорӣ, баланд бардоштани сифати барномаҳо ва маҳсулоти таҳсилотӣ, таҳқиқи вазъи бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва меҳнат, махсусан ҳаҷми талабот ба маҳсулоти таҳсилотӣ ва рафтори рақибон фаъол гардиданд.

Тағйироти қатъии макромуҳит дар ҷумҳурӣ, ки дар он муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекунанд боиси азнавсозии рафтори иқтисодии онҳо гардид ва роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҷбур шуданд, ки манбаҳои дигари тиҷоратиро ҷустуҷӯ намоянд. Ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва идоракунии он ба ҳайси захираи муҳимми мавқеъёбии самаранок дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ баромад мекунад. Бинобарин омӯзиши шартҳо ва омилҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва коркарди асосҳои консептуалии ташкили он, ба назари мо муҳиммияти мавзуъро муайян менамояд ва сабаби интихоби мавзуи мазкур шудааст.

Дар автореферат қайд шудааст, ки дар адабиёти илмӣ ва амалӣ оид ба идоракунии имиҷи субъектҳо ва ташкилотҳои гуногун гарчанде таҳқиқоти ҳаматарафа вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо наметавон тасдиқ кард, ки дар фаҳмиши категорияи имиҷ ва дар ҷанбаи методологии арзёбии он ҳамфикрӣ дида мешавад. Барои муқарраротҳи муаллифии моҳияти имиҷ дар диссертатсия мафҳуми имиҷ, ки аз тарафи муаллифон дар адабиёти иқтисодӣ воме-

хуранд, гурӯҳбандӣ шудааст, ки он дар ҷадвали №1, с. 12-и автореферат овар-да шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ аҳамият медод:

Дар матн ва мазмуни автореферат муаллиф нақши сармоя ва иқтидори зеҳниро дар ташаккулу рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар овардааст. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳамзамон вазъи хатмку-нандагони донишгоҳҳои берунмарзӣ ва бозгашти мутахассисони сатҳи баланд-ро ба ватан низ мавриди таҳлил қарор медод. Зеро ки бисёре аз мутахассисони сатҳи баланд баъди хатми донишгоҳ ва донишкадаҳо ба ватан барнагашта норасоӣ (камчинӣ)-и кадрҳои баландихтисосро дар дохили кишвар ба вуҷуд меоранд, ки инро дар илми муосир "истихроҷи мағзҳо" меноманд.

Пешниҳоди мазкур хусусияти маслиҳатӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонад. Аз ин ҷост, ки новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати диссертатсияи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Бинобар ин чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузоштašудаpo ифода мена-мояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асос-ҳои назариявию амалии мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идора-кунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷи-кистон)-ро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизмҳои таш-кил ва идоракунии имиҷи ташкилот" (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон), аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талабот-ҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимуд арзандаи дара-ҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Тақриздиҳанда, декани**
**факултети иқтисод ва идораи ДМТ**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Имзои Ҳ.Р. Исайноврo тасдиқ менамоям,**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

27.02.2024